УДК 338.1
ББК 65.9 (5)2/4

**ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ СОҲАҲОИ САНОАТИ ИСТИХРОҶ ВА САНОАТИ КОРКАРДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** - *муаллимаи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳонӣ МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров", ш. Хуҷанд, Ҷумҳурии Тоҷикистон, e-mail: sanam85@mail.ru*

**ТЕНДЕНЦИИ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ЭКСТРАКЦИОННОЙ И ПЕРЕРАБАТЫВАЮЩЕЙ ОТРАСЛЕЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

***Аскарова Санавбархон Султонходжаевна*** - *преподователь кафедры мировой экономики ГОУ "ХГУ импени академика Б.Гафурова". г. Худжанд, Республике Таджикистан, e-mail: sanam85@mail.ru*

**TRENDS OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF THE EXTRACTION AND PROCESSING INDUSTRY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

***Askarova Sanavbarkhon Sultonhodzhaevna*** - *Lecturer at the Department of World Economy of the Khugand State University named after Academician B.Gafurov. Khujand, Republic of Tajikistan, e-mail: sanam85@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ***: *саноати коркард, саноати истихроҷ, кишварҳои пешрафта, кишварҳои қафомонда, рушди ииноватсиони, равандҳои сармоягузори, воридот ва содирот.*

*Дар мақолаи мазкур аз тарафи муаллиф кушиш ба харҷ дода шудааст, ки бо истифода аз таҳлили синтези ҷустуҷуи роҳҳои баланд бардоштани самаранокии соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти омилҳои гуногун, пешниҳод намоянд.*

*Соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти омилҳои гуногун, аз ҷумла омили географӣ маҳаки иқтисодиёти кишвари мо ва минтақаҳои он мебошанд. Аҳамиятнокии муҷтамаъҳои саноати истихроҷ ва коркарди кишвар бо он маънидод карда мешавад, ки айни замон яке аз пояҳои асосии иқтисодиёт мебошанд, ки дар атрофи онҳо ҳалқаҳои навини истеҳсолӣ ташаккул ёфта, инфрасохтори дастгирикунандаи тиҷоратӣ созмон ёфта, бахшҳои мазкур дар сохтори иқтисодиёт ва саноат аз ҳама муҳимтарин ба ҳисоб меравáнд.*

***Ключевые слова:*** *обрабатывающая промышленность, горнодобывающая промышленность, развитые страны, слаборазвитые страны, инновационное развитие, инвестиционные процессы, импорт и экспорт.*

*В данной статье автор предпринял попытку найти пути повышения эффективности добывающей и перерабатывающей промышленности Республики Таджикистан с учетом различных факторов, используя синтез-анализ.Добывающая и перерабатывающая промышленность Республики Таджикистан с учетом различных факторов, в том числе и географического фактора, составляют основу экономики нашей страны и ее регионов. Значение горно-перерабатывающих отраслевых комплексов страны объясняется тем, что в настоящее время они являются одной из основных баз экономики, вокруг которой формируются новые производственные круги, организуется обеспечивающая бизнес-инфраструктура, а эти отрасли являются наиболее важными в структура экономики и промышленности.*

***Key words:*** *manufacturing industry, mining industry, developed countries, underdeveloped countries, innovative development, investment processes, import and export.*

*In this article, the author attempted to find ways to improve the efficiency of the mining and processing industries of the Republic of Tajikistan, taking into account various factors, using synthesis analysis.*

*In this article, the authors attempted to find ways to improve the efficiency of the mining and processing industries of the Republic of Tajikistan, taking into account various factors, using synthesis analysis.*

*The mining and processing industry of the Republic of Tajikistan, taking into account various factors, including the geographical factor, form the basis of the economy of our country and its regions. The importance of the mining and processing industry complexes of the country is explained by the fact that at present they are one of the main bases of the economy, around which new production circles are being formed, a supporting business infrastructure is being organized, and these industries are the most important in the structure of the economy and industry.*

Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон бо зерсоҳаҳояш, ки дар маҷмӯъ аз саноати истихроҷ, коркард ва тақсимоти нерӯи барқ, газ ва об ташкил ёфта аст, ба ҳайси муҳаррики асосии соҳаҳои иқтисодӣ баромад менамояд. Дар ин замина дар соли 2020 дар сохтори соҳаи саноат ҳиссаи саноати коракард бо ҳаҷми индекси баробар ба 61,7 % мақоми пешсафиро касб намуда, баъдан саноати истихроҷ бо индекси баробар ба 13,9 % саҳмгузорӣ менамояд. Дар назар аст, ки натиҷаҳои фаъолияти соҳаи мазкур бояд сарчашмаи рушди самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт гардад, ки ба тамоюлҳои муосири рушд дар давраи дарозмуддат ҷавобгӯ бошад.

Соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти омилҳои гуногун, аз ҷумла омили географӣ маҳаки иқтисодиёти кишвари мо ва минтақаҳои он мебошанд. Аҳамиятнокии муҷтамаъҳои саноати истихроҷ ва коркарди кишвар бо он маънидод карда мешавад, ки айни замон яке аз пояҳои асосии иқтисодиёт мебошанд, ки дар атрофи онҳо ҳалқаҳои навини истеҳсолӣ ташаккул ёфта, инфрасохтори дастгирикунандаи тиҷоратӣ созмон ёфта, бахшҳои мазкур дар сохтори иқтисодиёт ва саноат аз ҳама муҳимтарин ба ҳисоб меравaнд. Ҳиссаи арзиши изофаи соҳаи саноат дар маҳсулоти умумии дохилӣ дар давраҳои солҳои 2018-2019 ҳаҷми 21,2 %-ро ташкил намуда, соли 2020 ҳиссаи он 17,4 %-ро ташкил медиҳад. [1, С.30].Бояд тазаккур дод, ки дар натиҷаи фаъолияти муҷтамаъҳои зикргардида, пайваста ба буҷети кишвар даромади устувор ворид гардида, ҳамчунин иҷроиши сарбории иҷтимоӣ дар намуди ташкили ҷойҳои корӣ ва шуғлмандии аҳолӣ ва дигар сарбориҳо, ки бо тиҷорати калон алоқамандӣ доранд, ташаккул меёбанд.

Соҳаҳои саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дигар соҳаҳои саноат таъсири амиқ мерасонанд. Аз ҷумла онҳо ба рушди истеҳсолоти инноватсионӣ замина гузошта, хароҷотҳои истеҳсолии соҳаҳои ҳамҷаворро кам намуда, ба ташкили сатҳи дигари истеҳсолӣ мусоидат менамоянд.

Барои бештари кишварҳои ҷаҳон рушд намудани саноати коркард ва саноати истихроҷ яке аз самтҳои афзалиятнок дар давраи дарозмуддат ба ҳисоб меравад. Кишварҳое, ки ба саноати истихроҷ ва коркард машғуланд шартан ба кишварҳои таъминкунандаи ашёи хоми арзон, ки аз ҳисоби рақобатпазирии арзиши бозории фурӯши маҳсулот даромад мегиранд ва кишварҳои бо технологияи баланд кор мекарда, ки аз ҳисоби маҳсулоти сифаташ баланди арзиши қиммат дошта даромад мегиранд, ҷудо карда мешаванд. Вобаста ба ин самт Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи ҷории рушд ба гурӯҳи таъминкунандаи ашёи хом шомил мегардад, ки дар он пояи калони захираҳо мавҷуд буда, самти коркарди ашёи хоми саноатӣ аз сатҳи кишварҳои рушдкарда қафомонда мебошад.

Тибқи маълумотҳои омории таҳлилӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мизони сатҳи рақобатпазирии саноат то соли 2020 бо индекси баробар ба 52,4 мақоми 104-ро ишғол намуда, мувофиқи пешгӯиҳои то ҳамин давра такони ҷиддӣ дар сатҳи рақобатпазирӣ ба назар гирифта намешавад. [2, С.27].Чун дар ин раддабандӣ мақомҳои аввaллинро кишварҳои абарқударте аз қабили Чин, ИМА ва Олмон касб намудаанду онҳоро ба қисмати дуюми истеҳсолкунандагон шомил медонанд, бояд таҷрибаи онҳо мавриди таҳлили чукур қарор гирифта шуда, дар шароитҳои бозори ватанӣ ва соҳаҳои коркарду истихроҷи маҳсулоти саноатии кишвар татбиқ карда шаванд. Маврид ба зикр аст, ки ҳамчунин аз рӯи индекси истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар охири соли 2021 Федератсияи

Россия аз Чин ва ИМА гузашта, мақоми аввалро касб намуда аст. [3, С.29].

Аз ин лиҳоз бояд дар назар дошт, ки сиёсати саноатӣ ва татбиқи роҳҳои инноватсионӣ, таҷдидсозӣ ва азнавсозии техникии соҳахои саноат бояд мавриди татбиқи амиқ қарор гирифта шаванд. Ҳамин тавр барои Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурияти рушди инноватсионӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои дурусти ноил гардидан ба он ҳамчун масъалаи муҳим арзёбӣ мегардад. Амалигардонии роҳҳои ҳалли сиёсии таҷдидсозии иқтисодиёти Тоҷикистон ва зарур будани татбиқи роҳи инноватсионӣ дар минтақаҳои он вобаста аз омилҳои гуногун ба мушкилиҳо дучор мегардад. Масалан набудани воситаҳои худӣ, ҷолибнок набудани минтақаҳо барои сармоягузорони берунӣ, суст рушд кардани марказҳои илмӣ ва инноватсионӣ, ба талаботҳои тиҷорат ҷавобгӯ набудани масъалаҳои инноватсионӣ ва коркардҳои ба он вобаста ва ғ. Аммо бояд қайд намоем, ки чун қарорҳои сиёсӣ қабул карда мешаванд, онҳоро ногузир ҳамагон мепазиранду, вале дарк намудани онҳо ва иҷроиши онҳо гуногун мешаванд. Маълум аст, ки самтҳои пешсафии иқтисодиёти манотиқи гуногун дар муддати якчанд даҳсолаҳо ташаккул меёбанд. Аз ин лиҳоз барои ҳар як минтақа пеш аз ҳама таҷдидсозӣ афзалияти бештар дорад. Маъмулан дар замони муосир бахши ашёи хом, саноати коркард ва ё маҷмӯаи илмӣ-тадқиқотӣ ва иқтисодиёти навро ҷудо кунанд ҳам, аммо дар ин самтҳо тавсифи равандҳои инноватсия (фановарӣ), тақсимоти даромад ва ташаккули арзиши бозорӣ гуногун мебошанд.

Вобаста ба муайян кардани интихоби роҳҳои рушди иноватсионии кишвар пеш аз ҳама бояд ба масъалаҳои муайян намудани дар кадом самт рушди иқтисодӣ пешсаф аст ва барои кишвар аз фаъолияти инноватсионӣ чӣ гуна фоида аст, бояд диққати махсус дод. Баъд аз ин бояд ба масъалаи баргаштани сармоя, таъсири рушди инноватсионӣ ба равандҳои иҷтимоӣ ва самтҳои дар давраи дарозмуддат пешсафиро касб карда метавониста бояд диққат дода шавад. Барои муайян кардани ҷанбаҳои номбаршуда таҳлили иқтисодиёти ин самтҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон равшанӣ хоҳад андохт. Ба ин ваҷҳ таҳлили хусусиятҳои хоси рушди инноватсионии саноати коркард ва саноати истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи муқоисаи онҳо вобаста аз маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маълумотҳои ниҳодҳои давлатӣ ба мақсад мувофиқ мебошад (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноат аз рӯи шаклҳои моликият дар солҳои 2010-2020

| | Шумораи корхонаҳо, воҳид | | Шумораи кормандон, ҳазор нафар | | Ҳаҷми маҳсулот, млн. сомонӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Давраҳо | *2010* | *2020* | *2010* | *2020* | *2010* | *2020* |
| Бахши давлатӣ | 330 | 157 | 39,5 | 8,6 | 4647,0 | 3472,9 |
| Бахши ғайридавлатӣ | 1056 | 2126 | 30,0 | 75,7 | 3600,5 | 27416,6 |
| Ҳамагӣ | 1386 | 2283 | 69,5 | 84,3 | 8247,5 | 30889,5 |

*Таҳияи муаллиф тибқи: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.25-26.*

Чи гунае, ки аз маълумотҳои ҷадвали 1 бармеояд таносуби бахши давлатӣ ва ғайридавлатӣ фарқияти баланд дорад. Дар соли 2010 бахши давлатӣ 56,3 % ро ишғол намуда, бахши ғайридавлатӣ бошад 43,7 %- ро ташкил медод. Дар соли 2020 бошад ин таносуб дар қиёси соли 2010 куллан тағйир ёфта, бахши давлатӣ 11,2 % -ро ташкил дода, бахши ғайридавлатӣ бошад 88,8 % ро ташкил медиҳад. Ин таносуб нисбат ба қисмати аввалла дар давраи таҳлилӣ дар бахши давлатӣ 32,5 % кам гардида, дар бахши ғайридавлатӣ бошад, дар соли 2020 ҳамин қадар (32,5 %) афзоиш ба қайд гирифта шуда аст.[1] [4, С.26].

[1] Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе,

Албатта, барои муайянкунии тамоюлҳои рушди инноватсионии соҳаи саноат мушаххас кардани нишондиҳандаҳо дар навбати аввал меистад.

Қайд кардан зарур аст, ки таҳлил ва баҳодиҳии вазъи муосири фаъолнокии инноватсионии субъектони саноат амалигардонии корҳои зеринро талаб менамоянд: якум, муайянкунии имкониятҳои амалигардонии равандҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ; дуюм, зоҳирсозии мақсад ва муайянкунии самтҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ; сеюм, муайянкунии дараҷаи идорашавандагии равандҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, чорум, муайянкунии самаранокии равандҳои инноватсионие, ки дар корхонаҳои саноатӣ татбиқ шудаанд. [7, С.90]

Умуман аз нигоҳи мо таҳлили хусусиятҳои хоси рушди инноватсионии саноати коркард ва саноати истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон тариқи муқоисаи онҳо имконият медиҳад, ки масъалаҳои вобаста ба таҳлили тавсифи равандҳои инноватсионӣ, равандҳои сармоягузорӣ, муқоисаи натиҷаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, таҳлили содироту воридоти сохторҳо, тамоюлҳои рушди инноватсионӣ дар соҳаҳои истихроҷ ва коркарди саноати кишвар муайян карда шаванд ва дар натиҷаи ҳалли масъалаҳои гузошташуда баҳогузории афзалиятҳои дарозмуддати иқтисодиёти кишвар ба роҳ монда шаванд.

Таҳлилҳои гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти инноватсионӣ навқадам ҳастанд ва як қатор масъалаю саволҳое дар рӯ ба рӯяшон истодааст, ки ҳалли худро талаб менамоянд. [8, С.145]

Тибқи маълумотҳои таҳлилгардида маълум мегардад, ки таи солҳои охир ҳаҷми маҳсулоти саноати коркард ва саноати истихроҷ афзун гардида, айни замон саноати коркард пешсаф мебошад. Барои ҳамин ҳам ба ҳайси афзалияти рушди саноати кишвар яке аз ин самтҳо баромад карда метавонад. Пас дар идомаи таҳлил мо ҳардуи ин самтҳои фаъолиятро аз нигоҳи саҳми онҳо дар рушди иқтисодиёти кишвар ва афзалиятҳои ояндаашон дида мебароем. Таҳлили маълумотҳои оморӣ ва маълумотҳои ниҳодӣ имконият медиҳанд, ки шабеҳӣ ва фарқиятҳои равандҳои инноватсионии фаъолиятҳои мазкур муайян карда шаванд.[5, С.25-26].

Дар мавриди ибтидоӣ ҳиссаи истеҳсоли масолеҳи саноатӣ дар ҳудуди кишварро мавриди таҳлил қарор дода, мебинем, ки тафовути ҳудудӣ дар ташкили сохтори саноат бараъло намудор аст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2.

Динамикаи сохтори соҳаҳои саноати минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020, %

| | Хатлон | Душанбе | ВМКБ | Суғд | НТҶ |
|---|---|---|---|---|---|
| Тамоми саноат | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 | 100,0 |
| **Саноати истихроҷи маъдан** | **4,3** | **2,0** | **37,0** | **18,4** | **28,2** |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| истихроҷи маводҳои энергетикӣ | 0,3 | - | - | 2,2 | 1,9 |
| истихроҷи маводҳои ғайриэнергетикӣ | 4,0 | 2,0 | 37,0 | 16,2 | 26,3 |
| **Саноати коркард** | **49,1** | **59,1** | **18,3** | **74,4** | **41,0** |
| аз он ҷумла: | | | | | |
| Истеҳсоли маҳсулоти хӯрока, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку | 12,2 | 23,3 | 11,2 | 31,5 | 12,5 |
| истеҳсоли нассоҷӣ ва дӯзандагӣ | 18,3 | 4,6 | 2,3 | 6,4 | 2,7 |
| истеҳсоли чарм, маснуот аз чарм ва истеҳсоли пойафзол | 0,0 | 1,9 | - | 0,2 | 0,1 |
| коркарди чӯбу тахта ва истеҳсолоти маснуот аз чӯб | 0,2 | 1,4 | 0,5 | 0,4 | 0,5 |
| истеҳсоли селулозаю қоғаз, фаъолияти табъу нашр | 0,1 | 5,1 | 0,3 | 0,1 | 0,3 |
| истеҳсоли маҳсулоти нафтӣ | 0,0 | - | - | 0,2 | 1,5 |

Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.26.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| истеҳсоли кимиёвӣ | 1,0 | 0,5 | 0,0 | 0,3 | 0,9 |
| истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмассӣ | 0,5 | 0,9 | 0,1 | 1,0 | 2,1 |
| истеҳсоли ҳаргуна маҳсулоти ғайрифилизии маъданӣ | 15,1 | 10,7 | 3,1 | 5,6 | 5,5 |
| истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маснуоти тайёри филизӣ | 0,7 | 3,7 | 0,4 | 28,1 | 13,3 |
| мошинсозӣ | 1,0 | 5,3 | - | 0,1 | 1,1 |
| ҳаргуна соҳаҳои саноат | 0,0 | 1,7 | 0,4 | 0,5 | 0,5 |
| **Истеҳсолу тақсими нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ** | **46,6** | **38,9** | **44,7** | **7,2** | **30,8** |

*Таҳияи муаллиф тибқи: Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.22-23.*

Таҳлили маълумотҳои ҷадвали 2 нишон медиҳанд, ки дар сохтори ҳудудии маҳсулоти саноатӣ тамйизоти минтақавӣ ба таври зайл ба назар мерасад: вобаста ба истеҳсолу тақсимоти нерӯи барқ, об, газ ва гармӣ мақоми баландро Вилояти Хатлон (46,6 %) касб намуда, аз ҳама кам Вилояти Суғд ҳисса дорад, ки он 7,2 %-ро дар соли 2020 ташкил дода, дар саноати истихроҷ бошад мақоми аввалро ВМКБ бо 37,0 % касб намуда, НТҶ бо 28,2 % баъд аз он мавқеъ гирифта, пасон Вилояти Суғд бо 18,4 % дар мавқеъи сегонаи аввал ҷойгоҳ дорад. Дар саноати коркард бошад Вилояти Суғд бо 74,4 % мақоми аввал, шаҳри Душанбе бо 59,1 % мақоми баъдина ва охири сегонаи аввалро бо 49,1 % Вилояти Хатлон ишғол намудаанд [6, С.22-23].

Аз таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи тамоюлҳои рушди инноватсионии соҳаҳои саноати истихроҷ ва саноати коркарди Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин бармеояд, ки дар пешомади наздик ва дурнамо, танҳо тавассути ҷалби сармоягузорӣ мо метавонем, ки дар ин самт нишондиҳандаҳои мусбиро комёб гардем.

Бинобар ин, дар оянда низоми мукаммали сармоягузорӣ, ки бо захираҳои молиявии буҷетию ғайрибуҷетӣ асос ёфтааст, бояд воситаи муҳими амалигардонии фаъолияти инноватсионӣ гардад ва истифодашавии онҳо зери назорати ҷиддӣ қарор дода шавад.

## ПАЙНАВИШТ


1. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.30
2. https://nonews.co/directory/lists/countries/global-competitiveness-index (санаи муроҷиат ба сомона: 24.04.2022)
3. https://www.vedomosti.ru/business/articles/2022/01/17/905175-indeksam-promproizvodstva (санаи муроҷиат ба сомона: 05.05.2022)
4. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.26.
5. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.25-26.
6. Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С.22-23.
7. Рахмонов Дж. Р. Оценка современного состояния инновационной активности предприятий пищевой промышленности Республики Таджикистан // Таджикистан: экономика и управление. 2020. № 1. С.89-96.
8. Низомова Т. Д., Раҳмонов Ҷ. Р. Саноатикунонии босуръат ва таъмини рушди инноватсионии саноати миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз. 2022. № 2 (78). - С.134-149.
9. Рахмонов Дж.Р. Инвестирование как фактор активизации инновационной деятельности // Вестник Таджикского национального университета, Серия Экономические науки (Ч.I). –Душанбе, 2012.- №2/8. – С. 41-46

SUBSCRIBE


1. Sanoati of Jummurii Tojikiston: 30 - salts and istiloliyati davlat // Маљмўai omori. – Dushanbe, Omori Agency behind the President of Yumquria Tojikiston, 2021. – P.30
2. https://nonews.co/directory/lists/countries/global-competitiveness-index (date of access to the website: 24.04.2022)
3. https://www.vedomosti.ru/business/articles/2022/01/17/905175-indeksam-promproizvodstva (date of access to the website: 05.05.2022)
4. Sanoati of Jummurii Tojikiston: 30 - salts and istiloliyati davlat // Маљмўai omori. - Dushanbe, Omori Agency behind the President of Yumguriya Tojikiston, 2021. - P.26.
5. Sanoati of Jummurii Tojikiston: 30 - salts and styloliyati davlat // Маљмўai omori. - Dushanbe, Omori Agency behind the President of Yumquria Tojikiston, 2021. - P.25-26.
6. Sanoati of Jummurii Tojikiston: 30 - salts and styloliyati davlat // Маљмўai omori. - Dushanbe, Omori Agency behind the President of Yumquria Tojikiston, 2021. - P.22-23.
7. Rakhmonov J. R. Assessment of the current state of innovation activity of food industry enterprises of the Republic of Tajikistan // Tajikistan: economics and management. 2020. No. 1. P.89-96.
8. Nizomova T. D., Rakhmonov J. R. Sanoatikunoniy bosurat va tamini rushdi innovations sanoati milli dar Yumhurii Tojikiston // Tojikiston va қakhoni imruz. 2022. No. 2 (78). - P.134-149.
9. Rakhmonov J.R. Investment as a factor in activating innovative activity // Bulletin of the Tajik National University, Series Economic Sciences (Part I). – Dushanbe, 2012.- No. 2/8. – pp. 41-46